Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода дар мавзуи «Муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Фаъолияти риэлторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлолият ва рушди назарраси муносибатҳои маданӣ, дар робита ба сатҳ ва сифати комилан нав баромадани муносибатҳои ҷамъиятии алоқаманд ба молу мулки ғайриманқул – ба иҷора додани манзили истиқоматӣ, харидан ва фурӯхтани он, муайян кардани арзиши молу мулки ғайриманқул, мубодилаи молу маҳсулот ва монанди инҳо пайдо гардидааст.

Дар кори илмии баанҷомрасида сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври кофӣ истифода гардида, моҳиятан инъикос гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рисолаи илмии мазкур, муаммоҳои алоқаманд ба мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти риэлторӣ, хусусияти шартномаҳои ҳуқуқӣ-мадании басташаванда, хизматрасониҳои аз тарафи риэлторон пешниҳодшаванда замоне ба таври назаррас мушоҳида мешаванд, ки дар Тоҷикистон, бахусус, дар минтақаҳои алоҳидаи он, ба монанди шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Ҳисор, рушди бомайлони бозори молу мулки ғайриманқул дар намуди сохта ба истифода додани биноҳои истиқоматии баландошёна, мавриди омӯзиш, таҳлил ва ошкор, баррасӣ, коркард, муайян, таҳия ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. Дар ин асно, бо мақсади пурра ва ҳаматарафа таҳлил намудани масъалаҳои болозикр, табиати ҳуқуқии фаъолияти миёнаравӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул, хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул, хусусиятҳои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул шуруъ аз соли 1990 то айни замон баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, 168 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боб ва зербобҳои диссертатсия масъалаҳои назариявию амалии фаъолияти миёнравӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул, табиати ҳуқуқӣ, хизматрасонии риэлторӣ ва хусусиятҳои шартномаи хизматрасонӣ дар бозори молу мулки ғайриманқулро фарогир буда, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд.

Хулоса ва нуктаҳои илмии рисола барои рушди фаъолияти риэлторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муаммоҳои ҷойдошта муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмуъ мавзуи диссертатсионии пешниҳодгардидаи Сатториён Алишер Ҳамидзода тибқи талабот ба сомон расонида шуда, пайдарҳамӣ ва натиҷаҳо аз гузаронидани таҳқиқот ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сардори кафедраи фанҳои граждании
факултети N2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Воҳидов А. И.

Имзои Воҳидов А.И.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД ҶТ,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«22» ____08____ соли 2025

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сайт: www.avkd.tj;
Почтаи электронӣ: avkdtj@mail.ru;
Факс: (+992 37) 226-60-43
Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов - 3